# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-026 назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» оид ба диссертатсияи Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич дар мавзӯи «Нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни дарсҳои суруд ва мусиқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст.

Комиссияи ташхиси назди Шурои диссертатсионии 6D.КОА - 026-и назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» дар ҳайати раиси комиссия А.А.Азизов доктори илмҳои педагогӣ, профессор; аъзоён, доктори илмҳои педагогӣ, профессор О.А. Исломов ва номзади илмҳои санъатшиносӣ, профессори кафедраи таърих, назария ва методикаи таълими мусиқӣ ба номи профессор Ҳакимов Н.Ғ.-и МТД «ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров» Худойбердиев Султоналӣ оид ба қабул намудани диссертатсияи Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич дар мавзуи «Нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни дарсҳои суруд ва мусиқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) барои ҳимоя ва муайян кардани рӯзи ҳимоя.

Аз рӯзҳои аввали ба даст даровардани Истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди иқтисоди миллӣ ва ҳамгироӣ ба иқтисоди ҷаҳонро яке аз самтҳои афзалиятноки худ қарор додааст. Аз ин рӯ, дар зинаи ибтидои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни омӯзиши фанни суруд ва мусиқӣ барои иҷрои бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ вақти зиёдро бояд ҷудо намуд, зеро он бештар дар дарси суруд ва мусиқӣ ва дар рӯзҳои ид, лаҳзаҳои фароғатӣ ва фаъолияти мустақилонаи хонандагони синфҳои ибтидоӣ садо медиҳад.

Тарбияи фарҳанги мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳамза-

мон бо инкишофи қобилиятҳои мусиқии онҳо сурат мегирад, ки дар навбати худ аз тариқи фаъолияти мусиқӣ инкишоф меёбанд. Ин гуна фаъолиятҳо ҳар чи қадар гуногун бошанд, малакаву маҳорат ва қобилиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба ҳамон андоза рушд меёбанд. Маҳз аз ҳамин хотир, истифодаи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ барои расидан ба мақсадҳои таълимиву тарбиявӣ дар ҷараёни дарсҳои суруд ва мусиқӣ амри зарурӣ маҳсуб меёбанд.

Бинобар ин, вазифаи асосии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ аз он иборат аст, ки раванди машғулиятҳои дарси суруд ва мусиқиро бо роҳу усулҳои гуногун ташкил карда, ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоиро зимни истифодаи усулҳои гуногуни бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ ташаккул дода, таъмин намоянд. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф ба кӯдак таъсири комплексии намудҳои асосии фаъолияти мусиқӣ зарур аст. Аз ҷумла, ҳаракат зимни бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ, шунидани мусиқӣ, сурудхонӣ, навохтани созҳои мусиқии кӯдакона ва ғайра сурат мегирад.

Дар натиҷаи санҷиши кори диссертатсионии Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич дар мавзӯи «Нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни дарсҳои суруд ва мусиқӣ», комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D. КОА-026 дар ҳайати доктори илмҳои педагогӣ, профессор Азизов А.А. (раис); . (аъзо), (аъзо) ба хулосаи зерин омад:

1. Диссертатсияи ба ҳимоя пешниҳод намудаи Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич дар мавзуи «Нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни дарсҳои суруд ва мусиқӣ», тадқиқоти мустақил, ҷамъбастшуда ва тахассусманд буда, ба талаботҳои ба диссертатсияҳои номзадии илмҳои педагогӣ мавҷудбуда комилан ҷавобгӯ аст.

Дар диссертатсияи мазкур муаммоҳои бозиҳои мусиқӣ- дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои асосии насли наврас таъсири мусбат

мерасонад, ки аз ин падида таҳқиқотҳои илми муосир шаҳодат медиҳад. Барои ташаккул додани асосҳои салоҳиятҳои мусиқӣ онро аз давраи таҳсили синфҳои ибтидоӣ зимни бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ оғоз кардан лозим аст. Мусиқӣ яке аз воситаҳои тавонои тарбияи эстетикии кӯдакон буда, воқеияти атрофро дар образҳои солим таҷассум менамояд.

Аз ин рӯ, дар зинаи ибтидои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни омӯзиши фанни суруд ва мусиқӣ барои иҷрои бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ вақти зиёдро бояд ҷудо намуд, зеро он бештар дар дарси суруд ва мусиқӣ ва дар рӯзҳои ид, лаҳзаҳои фароғатӣ ва фаъолияти мустақилонаи хонандагони синфҳои ибтидоӣ садо медиҳад.

2. Диссертатсия аз ҷиҳати мазмун, моҳият ва расмиятдорорӣ ба талаботи бандҳои 31-33 «Тартиби додани дараҷа ва унвонҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ мебошад.

3. Мавзуъ ва мундариҷаи кори диссертатсионнии Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мутобиқ аст ва ҷавобгӯи талабот ба Феҳрасти ихтисосҳо мебошад, ки аз рӯи он дараҷаи илмӣ, бо Қарори Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад.

4. Натиҷаҳои назарраси ноилшудаи муаллиф дар навгонии таҳқиқот зикр шуда:

- мазмун ва моҳияти мафҳуми «нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони хурдсол дар раванди дарсҳои суруд ва мусиқӣ» баррасӣ ва шарҳу тафсир шудааст;

- хусусиятҳои ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони хурдсол дар дарсҳои суруд ва мусиқии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути истифодаи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ ошкор ва муайян карда шудааст;

- нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои

мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ мавриди таҳқиқу таҳлил қарор дода шудааст;

- намунаҳои мухталифи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ омода ва пешниҳод карда шудаанд, ки истифодаи онҳо дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ рушди салоҳиятҳои асосӣ ва мусиқии хонандагонро самаранок хоҳад кард;

- ба манзури ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагон оид ба роҳу восита ва технологияҳои истифодаи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ, ки самаранокии истифодаи онҳо тариқи озмоиш собит гардидааст, тавсияҳои методӣ коркард ва ироа шудаанд.

Нуктаҳои зерини пешниҳодшуда:

- нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ;

- бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ яке воситаҳои таълимии муҳим дар ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагон дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ;

- шароити педагогии ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони хурдсол тавассути бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, аз он ҷумла, дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ;

- аҳамияти истифодаи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони хурдсол;

- истифодаи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ҷараёни дарсҳои суруд ва мусиқӣ бо дарназардошти хусусиятҳои синнусолӣ ва мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба ҷараёни таълими фанни суруд ва мусиқӣ ворид намудани маҷмуи бозиҳои гуногуни дидактикӣ ба манзури ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ.

5. Мақсад ва вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда бомуваффақона ҳал карда шуда, натиҷа ва хулосаҳои диссертатсия асоснок ва боэътимоданд. Нуктаҳои асосии кори диссертатсионӣ дар мақолаҳои илмии муаллиф инъикос ёфтаанд. Автореферат ва корҳои нашршуда мундариҷаи

асосии диссертатсияро инъикос менамоянд. Усулҳо ва методологияи истифодашуда ба мавзуи диссертатсия мувофиқанд.

6. Натиҷаҳои асосии илмӣ, хулосаҳо ва мазмуни диссертатсия дар 3 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 13 мақола дар маҷмӯаи маводи конференсияҳо нашр гардиданд. Теъдоди чоп шудаи интишороти довталаб дар маҷаллаҳои тавсияшуда, ба банди 35 "Тартиби додани дараҷа ва унвонҳои илмӣ" мувофиқанд.

7. Дар кори диссертатсионӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳод намудаи Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич маълумотҳои нодуруст ҷой надоранд.

Умуман, кори диссертатсионии Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич дар мавзӯи «Нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни дарсҳои суруд ва мусиқӣ», тадқиқоти тахассусии ҷамъбастшуда ва мустақилона иҷрошуда буда, ҳалли мушкилоти мубрам ва муҳими педагогиро пешниҳод менамояд ва ба талаботи Низомномаи "Тартиби додани дараҷа ва унвонҳои илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст.

Бо дарназардошти банди 53 "Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, комиссияи экспертӣ тавсия медиҳад:

1. Кори диссертатсионии Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич дар мавзӯи «Нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни дарсҳои суруд ва мусиқӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, ба ҳимоя дар шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-026-и назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷонов Ғафуров» қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмии зерин таъйин карда шаванд:

**Латифзода Диловар Назришоҳ**, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ ва гуманитарии Муассисаи давлатии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов.

**Рустамов Дадо Абдуҷаборович** - номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърих, назария ва методикаи таълими мусиқӣ ба номи профессор Ҳакимов Н.Ғ.-и МТД «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров».

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар **Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода** таъйин карда шавад.

4. Ба чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

5. Ба ҷойгир кардани эълон дар бораи ҳимоя дар сомонаи МТД «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ,**
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Азизов А.А.

**Маълумот барои тамос:**
Вилояти Суғд, Ш.Хуҷанд, куч. Шуро 2.
azizovsher@bk.ru; телефон: +992 92 747 4115

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Исломов О.А.

номзади илмҳои санъатшиносӣ, профессор Худойбердиев С.

Сана 28.12.2024

**“Имзои А.А.Азизов, О.А. Исломов ва С.Худойбердиевро тасдиқ менамоям”.**

*Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси*
*МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров* *Сайдуллозода З.С.*